# ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИЮ ТИҶОРАТӢ БАЙНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ БАНГЛАДЕШ

Муносибатҳои Тоҷикистону Бангладеш 1 марти соли 1992 баъд аз ба истиқлолият соҳиб шудани Тоҷикистон барқарор шуданд.

Аммо то ҳол байни кишварҳо ягон ҳуҷҷати танзимкунандаи ҳамкориҳои иқтисодӣ вуҷуд надорад.

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон як корхонаи муштараки «Тиенд би Инженеринг Интернешенал компани», ки бо корҳои қудратӣ машғул аст ба қайд гирифта шудааст.

Барои муҳаё намудани базаи меъёрии ҳуқуқӣ байни кишварҳо бояд Созишномаҳои зерин ба имзо расонида шавад:

- Созишнома оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ, ки базаи ҳуқуқиро барои густариши ҳамкориҳои иқтисодии дутарафа муҳаё менамояд;
- Созишнома оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутабоқилаи сармоя;
- Созишнома оид ба канорагирӣ аз андозбандии дураката.

## Ҳаҷми муомилоти молии байни ду давлат

Тибқи маълумоти омори гумрукӣ гардиши савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Бангладеш дар 9 моҳи соли 2013 11,7 ҳазор. доллари ИМА-ро ташкил намуд, ки назар ба ҳамин давраи соли 2012 ба 913,7 ҳазор доллари ИМА кам шудааст (дар 9 моҳи соли 2012 ГСХ 925,4 ҳаз. долл. ИМА-ро ташкил кард).

**Махсулотҳои асосии воридшаванда:**

- Маводҳои доруворӣ.

## Самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ

- таъсис додани корхонаҳои муштарак оид ба қоғазпечкунии чой ва коркарди биринҷ ба маҳсулоти тайёр;

- таъсис додани корхонаҳои муштарак дар соҳаҳои текстил ва саноати дӯзандагӣ;

- ҳамкорӣ дар соҳаи коркарди пӯсти хом ва истеҳсоли пӯсти тайёр.

## ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИЮ ТИҶОРАТӢ БАЙНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ВЕТНАМ

Муносибатҳои дипломатӣ байни Тоҷикистону Ветнам соли 1992 барқарор шуданд.

Дар солҳои Иттиҳоди Шӯравӣ байни Тоҷикистону Ветнам муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ барпо шуда буданд.

Тоҷикистон ба Ветнам электроплитаҳо, термостатҳо, таҷҳизот барои саноати текстилӣ, алюмин, арматур ва ғайра содир мекард.

Шаҳрвандони Ветнам дар донишкадаҳою мактабҳои Тоҷикистон таҳсил мекарданд.

Ташрифи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ветнам 18-22 январи соли 1999 ва гуфтушуниди Сарвари кишвар бо Президенти Ветнам Чан Дык Лыгонг оид ба густариши муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан судманд ба таърихи муносибатҳои дуҷониба саҳмгузор шуд.

Дар рафти сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ветнам 5 ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи муносибатҳои дуҷониба ба имзо расонида шуданд:

1. Аҳднома оид ба асосҳои муносибатҳои байнидавлатӣ ва ҳамкорӣ байни ҶТ ва ҶС Ветнам;
2. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоя;
3. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати

Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ;
4. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам оид ба ҳамкориҳои илмӣ ва техникӣ;
5. Протокол оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Ветнам.

Ҳуҷҷатҳои номбаршуда базаи ҳуқуқию меъёрии муносибатҳои дуҷонибаро ташкил доданд.

Баимзо расонидани Созишнома оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоя барои ба ҳаракат даровардани фаъолияти соҳибкорон ва сармоягузорони Ветнам дар ҷумҳурӣ мусоидат намуд.

Танҳо дар соли 1999 дар ҷумҳурӣ 3 корхонаҳои муштарак «ВТ Силк», (бо ду намояндагиҳои худ дар шаҳри Кулоб) оид ба истеҳсоли абрешим, ки фонди низомномавии он 2 млн. сомониро ташкил медод таъсис шуда буд.

Корхонаи муштарак «Роҳи абрешим» бо фонди низомномавии 823970 доллари ИМА байни корхонаҳои ШС «Тори Зарин» Тоҷикистон, ки ҳиссаи он 40% ва ШС «Хиеп Шанг Ко ЛТД» Ветнам, ки ҳиссаи он 60% ро ташкил мекард таъсис ёфта буд.

Аз соли 1991 то ҳоло дар ҷумҳурӣ корхонаи муштараки Тоҷикистону Ветнам «ВТ-Инвест», ки ҳиссаи маблағгузории Ветнам 1,7 млн. долл. ИМА-ро ташкил медиҳад фаъолияти худро бурда истодааст. Корхонаи мазкур дар ноҳияи Бешкент 3000 гектарро ба иҷора гирифта дар 2500 гектар бо парвариши пахтп машғул аст.

Дигар корхонаи муштараки Тоҷикистону Ветнам «ВТИ-Помир» соли 1998 ташкил шуда буд, ки он дар Вилояти мухтори куҳистони Бадахшон фаъолият бурда (78%), дар маблағгузории кони ангишити Ровнев иштирок менамояд.

Бояд зикр намуд, ки ба имзо расонидани Созишнома оди ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ барои фаъол гардонидани тиҷорати берунӣ мусоидат намуд.

Ҷумҳурии Ветнам яке аз кишварҳои хориҷаи дур мебошад, ки Тоҷикистон ба он реҷаи бештар мусоидро дар масъалаҳои боҷи гумрукӣ, андозҳо ва дигар боҷу хироҷҳо пешниҳод менамояд.

## Ҳаҷми муомилоти молии байни ду давлат

Тибқи маълумоти омори гумрукӣ гардиши савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам дар 9 моҳи соли 2013 1187,3 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дод, ки назар ба ҳамин давраи соли 2012 гардиши мол тағйр наёфтаас.

**Маҳсулотҳои асосии содиршаванда**: пахта ва абрешим;

**Маҳсулотҳои асосии воридшаванда**: молҳои ниёзи мардум

**Самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ**

- истеҳсоли муштараки биринҷ, коркарди пилла ва кирмаки тутӣ;
- истихроҷи муштараки захираҳои табии, аз ҷумла истихроҷи ангишт дар «Шуроб», ва истеҳсоли муштараки велосипедҳо;
- парвариши пахта дар Ветнам бо иштироки мутахассисони Тоҷикистон

## ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИЮ ТИҶОРАТӢ БАЙНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ФИЛИППИН

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Идонезия 27 августи соли 1994 ба роҳ монда шудаанд.

4 январи соли 2003 Сафири фавқулода ва мухтори азнав таъиншудаи Ҷумҳурии Индонезия ҷаноби Хашим Салех ваколатномаи худро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон супорид.

Дар чорчӯбаи омода намудани сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Индонезия (28-30 октябри соли 2003) гурӯҳи кории Ҳукумати Ҷумҳурии Индонезия аз 6 то 8 октябри соли 2003 ба шаҳри Душанбе барои ҳамоҳангсозии лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳое, ки дар рафти сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба имзо расанд ташриф оварданд.

Аз 28 то 30 октябри соли 2003 сафари давлатии Президенти Ҷумурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Индонезия баргузор шуд. Дар рафти сафари мазкур ҳуҷҷатҳои зерин ба имзо расидан:

1. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Индонезия оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва техникӣ;
2. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Индонезия оид ба ҳавасмандгардони ва ҳифзи мутақобилаи сармоя;
3. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Индонезия оид ба канорагирӣ аз андозбандии дураката ва пешгирии саркашии фискалӣ нисбат ба андоз аз даромад.
4. Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Индонезия оид ба ташкили Комиссия дар хусуси ҳамкориҳои дуҷониба;

5. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Индонезия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи туризм;
6. Ёддошти тафоҳум байни Вазорати маориф Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф Ҷумҳурии Индонезия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф;
7. Созишномаи тиҷоратӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Индонезия.

Соли 2004 расмиётҳои дохилидавлатӣ оид ба ҳукми амал даромадани ҳуҷҷатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Индонезия, ки дар рафти сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонида шуда буд ба анҷом расонида шуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кори Саммити Осиё ва Африка 21-23 апрели соли 2005 дар ш. Джакарта иштирок намуд. Дар рафти иштирок Президенти ҶТ бо Президенти Индонезия мулоқот баргузор намуда, масъалаҳои рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманди минбаъдаро муҳокима намуд.

Вазири корҳои хориҷии ҶТ дар ҷаласаи Вазирони корҳои хориҷӣ (Джакарта, 20 апрел с. 2005) дар доираи Саммити Осиё ва Африка-2005 иштирок намуд.

## Ҳаҷми муомилоти молии байни ду давлат

Тибқи маълумоти омори гумрукӣ гардиши савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Индонезия дар 9 моҳи соли 2013 114,7 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил кард, ки назар ба ҳамин давраи соли 2012 ба 5,6 ҳазор доллари ИМА зиёдтар мебошад (дар 9 моҳи соли 2012 ГСХ 109,1 ҳазор доллари ИМА).

## Самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ

- Ташкили корхонаҳои муштарак оид ба истеҳсоли матоъҳо ва либосворӣ;
- Ҳамкорӣ дар соҳаи истихроҷӣ ангишт;

- Иштироки сармоягузорони Индонезияи дар сохтмони НБО-ҳои хурду калон дар Тоҷикистон.

## ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИЮ ТИҶОРАТӢ БАЙНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МАЛАЙЗИЯ

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Малайзия 11 марти соли 1992 ба роҳ монда шуданд. 23 сентябри соли 2003 Сафири Фавқулода ва Мухтори азнав таъиншудаи Малайзия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Моҳд Заин бин Абу Бакр ваколатномаи худро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон супорид.

Аммо ҳамкориҳо байни Тоҷикистону Малайзия аз сабабҳои номаълум дар сатҳи пассивӣ ҷой доштанд. Дар асос ҳамкориҳо дар соҳаи такмили ихтисоси дипломатҳо ва мутахассисони Тоҷикистон дар курсҳои омӯзишӣ, иштироки намояндагони Тоҷикистон дар конфронсҳои байналмилалӣ ва симпозиумҳо дар Малайзия вуҷуд доштанд.

Дар вақтҳои охир дар муносибатҳои дуҷониба нишони ғайратнокӣ пайдо шудааст, ки пеш аз ҳама ин нишон дар рушди ба роҳ мондани алоқа байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сафорати Малайзия дар Тошканд дида мешавад.

Сентябри соли 2003 дар шаҳри Куала-Лумпури Малайзия Намояндагии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба роҳ монд, ки ин ҳамчун замина барои рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии ду кшвар мебароад. Кушоиши расмии Намояндагии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Малайзия дар рафти ташрифи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Самити Созмони Конфронси Исломӣ дар Куала-Лумпур 16-18 октябри соли 2003 баргузор шуд.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои худро бо Малайзия бо назардошти рушди устувори иқтисодии Малайзия, ки шароитҳои мусоидро барои рушди ҳамкориҳои мутақобилан судмандро дар соҳаи савдо ва сармоягузорӣ фароҳам меоварад ба роҳ мемонад.

Ба назари мо, густариши ҳамкориҳо бо Малайзия ҳамчун давлати тез тарақиёфтаистода ба манфиати ҳар ду кишвар ҷавобгӯ аст.

Бо назардошти ин, пайдо намудани роҳҳои созмони базаи меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи ҳамкориҳои Тоҷикистону Малайзия дар соҳаҳои гуногун мувофиқи мақсад мебошад.

Мулоқотҳо дар сатҳи баланд байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Малайзия дар доираи Самити Созмони Конфронси Исломӣ октябри соли 2003 барои рушди муносибатҳои дуҷониба саҳмгузор шуд.

**Ҳаҷми муомилоти молии байни ду давлат**

Тибқи маълумоти оморӣ ва гумрукӣ гардиши савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Малайзия дар 9 моҳи соли 2013 397,1 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил намуд, ки назар ба ҳамин давраи соли 2012 ба 525,4 ҳазор доллари ИМА камтар мебошад.

**Махсулотҳои асосии воридшаванда**:

- равғани офтобрӯя, равғани пахта, какао, маҳсулоти нафтӣ;
- мебел ва қисмҳои он;
- қисмҳои эҳтиёти автомобилҳо;

**Маҳсулотҳои асосии содиршаванда**:

- таҷҳизотҳои тапографӣ.

## Самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ

- Ҳамкорӣ дар соҳаи электронӣ ва саноати электротехникӣ;
- Ҳамкорӣ дар соҳаи рушди нафту газ дар Тоҷикистон;
- Рушди туризм ва таъсиси зонаҳои сайёҳӣ;
- Таъсиси корхонаҳо оид ба коркарди ахлот, ва тоза кардани об бо ҷалби саромяи хусусӣ;
- Таъсис додани корхонаҳои муштарак дар соҳаи оҳанҳои ранга, аз ҷумла истеҳсоли мисс;
- Таъсиси корхонаҳои муштарак оид ба истеҳсоли саноати резинӣ;
- Ба роҳ мондани истеҳсолоти махсулоти ниёзи мардум;
- Ҳамкорӣ дар соҳаи хӯкокворӣ, аз ҷумла дар соҳаи коркарди равғани растанӣ;
- Сохтмони корхонаҳои хурд оид ба истеҳсоли шарбатҳои меваги ва шарбати ангур, дар заминаи корхонаҳои Вазорати кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Ташкили корхонаҳои муштарак оид ба истеҳоли пахта;
- Ҳамкорӣ дар соҳаи истеҳсоли абрешим;
- Ташкили корхонаҳои муштарак оид ба коркарди пӯст;
- Таъсиси корхонаҳои муштарак оид ба истеҳсоли махсулотҳои ниёзи мардум;
- Ҷалби сармоя ба соҳаи туризм ва инфрасохтори туризм;

- Ташкили семинарҳо ва курсҳои омӯзишӣ барои мутахассисони Тоҷикистон.

## ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИЮ ТИҶОРАТӢ БАЙНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ СИНГАПУР

Муносибатҳои дипломатӣ  байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Сингапур 8 декабри соли 1995 ба роҳ монда шуданд.

3-5 феврали соли 2004  Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т. Назаров бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Сингапур ташриф овард.

Барои баррасии ҷониби Сингапур як қатор лоиҳаҳои Созишномаҳо, аз ҷумла Созишнома оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоя, оид ба канорагирӣ аз андозбандии дураката, оид ба тиҷорат ва туризм, оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ пешниҳод шуда буд.

Тоҷикистон дар ба роҳ мондани муносибатҳои мутақобилан судманд бо Ҷумҳурии Сингапур, ба роҳ мондани алоқаи корӣ бо институтҳои молиявӣ ва сармоягузории ин кишвар ҳавасманд аст.

Ҷумҳурии Сингапур, ҳамчун кишвари Осиёи Шарқии Ҷанубӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди иқтисодиёт манфиатим (шавқи) калон дорад.

### Ҳаҷми муомилоти молии байни ду давлат

Тибқи маълумоти омори гумрукӣ гардиши савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Сингапур дар 9 моҳи соли 2013  2923,0  ҳазор долл. ИМА-ро ташкил кард, ки назар ба ҳамин давраи соли 2012 ба 476,2 ҳазор доллари ИМА зиёдтар аст (дар 9 моҳи соли 2012 ГСХ 2446,8 ҳаз. долл. ИМА).

### Самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ

- Таъсис додани корхонаҳои муштарак оид ба истеҳсоли электроника, химикатҳо, коркарди маҳсулотҳои хӯрока ва нӯшокиҳо;
- Иштироки сармоягузорони Сингапур дар сохтмони НБО-ҳои калону хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Мубодилаи мутахассисон дар соҳаи хизматрасонӣ

## ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИЮ ТИҶОРАТӢ
## БАЙНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## ВА ШОҲИГАРИИ ТАЙЛАНД

24 маи соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон бо Сарвазири Тайланд Таксин Шинаватра дар ш. Сеули Ҷумҳурии Корея дар доираи кори форуми Умумиҷаҳонии VI оид ба гузаронидани ислоҳоти давлатӣ мулоқот баргузор намуд.

Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Шоҳигарии Тайланд 9-10 августи соли 2005 ба таърихи муносибатҳои Тоҷикистону Тайланд саҳми баландро гузошт.

Дар рафти сафар ҷаноби олӣ Шоҳи Тайланд Пхупинон Президенти кишварамонро ба ҳузур пазируфт.

Дар рафти мулоқоти Президенти ҶТ бо Сарвазири Шоҳигарии Тайланд доктор Таксин Шинаварта як қатор масъалаҳои доираи васеъи муноибатҳои дуҷониба, аз ҷумла мушкилиятҳои минтақавию байналмилалӣ муҳокима гардиданд.

Президенти ҶТ ҳамчунин бо Раиси Сенат Сучон Чаликуа, муовини Сарвазир ва Вазири адлия генерали полиия Чидчай Ванасатид, Вазири корҳои хориҷӣ Кантати Супамонхон ва дигар шахсони расмии Ҳукумати Шоҳигарии Тайланд мулоқот баргузор намуда, як қатор ҷойҳои таърихию саноатии Тайландро дидан кард.

Дар натиҷаи сафари расмии Президенти ҶТ ба Шоҳигарии Тайланд як қатор ҳуҷҷатҳои байниҳукуматие, ки асоси устувори базаи иқтисодию ҳуқуқии рушди минбаъдаи муносибатҳои дӯстонаю мутақобилан судмандро ташкил медиҳанд ба имзо расиданд.

1. Созишномаи тиҷоратии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Шоҳигарии Тайланд;
2. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Шоҳигарии Тайланд оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоя;
3. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Шоҳигарии Тайланд оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ;
4. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Шоҳигарии Тайланд оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи туризм;
5. Ёддошти тафоҳум байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Шоҳигарии Тайланд оид ба консультатсияҳои байнимақомотӣ;

6. Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Шоҳигарии Тайланд оид ба ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир.

## Ҳаҷми муомилоти молии байни ду давлат

Тибқи маълумоти омори гумрукӣ гардиши савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Шоҳигарии Тайланд дар 9 моҳи соли 2013 929,0 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил кард, ки назар ба ҳамин давраи соли 2012 ба 48,3 ҳазор доллари ИМА камтар аст.

**Махсулотҳои асосии воридшаванда**:

- шакар, биринҷ;
- контейнерҳо (аз ҷумла зарфаҳо барои интиқоли моеъҳо ва газҳо), холодилникҳо;
- халтаҳо ва пакетҳо;

**Маҳсулотҳои асосии содиршаванда:**

- сангҳои қиматбаҳо, ба ғайр аз алмаз.

## Самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ

- Таъсис додани корхонаҳои муштарак оид ба истеҳсоли матоъҳо ва либосворӣ;
- Ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
- Иштироки сармоягузорони Тайланд дар сохтмони НБО-ҳои хурду калон дар Тоҷикистон;
- Ҷалби сармоя дар соҳаи туризм ва, махсусан дар инфрасохтори туризм.

# ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИЮ ТИҶОРАТӢ БАЙНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ФИЛИППИН

Ҷумҳурии Филиппин яке аз аввалин давлати Осиёи Ҷанубии Шарқие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун ҷумҳурии соҳибихтиёр эътироф намуда 25 марти соли 1992 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия сафири фавқулодаи худро таъин намудааст.

Дар соли 2003 Ҷумҳурии Филиппин ба ҷониби Тоҷикистон лоиҳаи Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва ҳифзи сармояро барои баимзорасонидани минбаъда пешниҳод намуд.

Баъд аз баррасии лоиҳаи Созишномаи мазкур Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷониби Филиппин оид ба омодагии ҷониби Тоҷикистон барои муҳокима ва баимзорасонидани лоиҳаи Созишномаи мазкур хабар дод.

Дар августи соли 2005 ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов дар маракаи ба вазифа шӯроъ кардани Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон иштирок намуд.

Дар вақти ташриф ба шаҳри Бишкек Оқил Оқилов муовни авали Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Филиппиро ба ҳузур пазируфт.

Ҳангоми мулоқот, О.Оқилов таъкид намуд, ки Тоҷикистон дар густариши ҳамкориҳои дутарафа дар самтҳои гуногун аз ҷумла дар ташкили корхониҳои муштарак ҳавасманд аст. Аз ҷумла тарафҳо нияти ба роҳ мондани алоқа байни намояндагони доираҳои соҳибкоронро бо мақсади омӯзиши самтҳои ҳамкориҳоро таъкид намуданд.

Тарафҳо ҳамчунин масъалаҳоро оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм, экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, оид ба мақсаднок кушодани консулгарҳо дар ҳар ду кишвар ва дигар масъалаҳоро муҳокима намуданд.

8 апрели соли 2006 ба шаҳри Душанбе ҳайати расмӣ бо роҳбарии мушовири Президенти Ҷумҳурии Филиппин оид ба масъалаҳои раванди сулҳ ҷаноби Атторнея Набила Таня ташриф овард.

## Ҳаҷми муомилоти молии байни ду давлат

Тибқи маълумоти омори гумрукӣ гардиши савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Филиппин дар 9 маоҳи соли 2013 60,7 ҳазор. доллари ИМА-ро ташкил кард, ки назар ба ҳамин давраи соли 2012 ба 54 ҳаз. долл. ИМА камтар мебошад.

**Махсулотҳои асосии воридшаванда**:

- Маҳсулоти гӯштӣ (колбаса, маводи хӯрокаи тайёр )
- Компютрҳо ва қисмҳои он

**Самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ**

- Ҳамкорӣ дар соҳаи саноати электронӣ;
- Кушодани корхонаҳои муштарак дар соҳаи коркарди оҳанҳои ранга, аз ҷумла истеҳсоли мисс бо ҷалби мутахассисон аз Тоҷикистон;
- Кушодани корхонаҳои муштарак дар соҳаи истеҳсоли маҳсулотҳои резинӣ;
- Ҳамкорӣ дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла коркарди равғани растанӣ.

## ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИЮ ТИҶОРАТӢ БАЙНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

Пеш аз ҳама бояд қайд намуд, ки гардиши савдои хориҷии байни Тоҷикистону Эрон мунтазам афзоиш меёбад. Танҳо дар соли 2009 бо таъсири бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ сатҳи муомилоти молии ду кишвар коҳиш ёфта буд, ки ҷонибҳоро бе тараф нагузошт.

Тибқи маълумоти омории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми умумии гардиши савдои хориҷӣ бо Ҷумҳурии Исломии Эрон дар соли 2012 **217,4** млн. доллари амрикоиро ташкил дод, ки назар ба соли 2011 ба андозаи 104,9 % афзоиш ёфт.

Дар сохтори **содиротии** Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон алюминияи аввалия ва нахи пахта афзалият доранд.

**Дар соли 2012 ба Ҷумҳурии Исломии Эрон:**

-нахи ***пахта*** ба маблағи 38,8 млн. доллари ИМА дар ҳаҷми 24,3 ҳазор тонна,

-***алюминияи аввалия*** ба маблағи 18,3 млн. доллари ИМА дар ҳаҷми 9,3 ҳазор тонна,

-***меваю сабзавот*** ба маблағи 36,4 ҳазор. доллари ИМА дар ҳаҷми 91,0 тонна,

**Дар ин давра ба Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

-***равғани растанӣ*** ба маблағи 8,4 млн. доллари ИМА дар ҳаҷми 10,3 ҳазор тонна,

-***тухми мург*** ба маблағи 0,9 млн. доллари ИМА дар ҳаҷми 33,3 млн. дона,

-***гӯшти чорвои шохдор*** ба маблағи 0,4 млн. доллари ИМА дар ҳаҷми 549 тонна,

-***гӯшти парранда*** ба маблағи 0,2 млн. доллари ИМА дар ҳаҷми 327 тонна,

-***шакар*** ба маблағи 21,3 млн. доллари ИМА дар ҳаҷми 43,2 ҳазор тонна,

-***кӯмаки башардӯстона*** ба маблағи 1,6 млн. доллари ИМА дар ҳаҷми 811 тонна,

-***маҳсулоти нафтӣ*** ба маблағи 2,7 млн. доллари ИМА дар ҳаҷми 5,3 ҳазор тонна,

- ***нӯриҳои минералӣ*** ба маблағи 0,1 млн. доллари ИМА дар ҳаҷми 609 тонна ворид гардид.

**Ҳаҷми муомилоти молии байни ду давлат** ***(млн. долл. ИМА)***

| | *2004* | *2005* | *2006* | *2007* | *2008* | *2009* | *2010* | *2011* | *2012* | *2012 8 моҳ.* | *2013 8 моҳ.* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии гардиши савдо | ***55,8*** | ***67,6*** | ***110,1*** | ***136,3*** | ***216,2*** | ***127,5*** | ***201,7*** | ***204,2*** | ***217,4*** | ***154,6*** | ***210,6*** |
| ***Содирот*** | *29,6* | *36,7* | *76,1* | *75,5* | *95,6* | *48,7* | *60,1* | *42,3* | 66,0 | 45,0 | 91,5 |
| ***Воридот*** | *26,2* | *30,9* | *34,0* | *60,8* | *120,6* | *78,8* | *141,6* | *161,9* | 151,4 | 109,6 | 119,1 |
| ***Бақия*** | *3,4* | *5,8* | *42,1* | *14,7* | *-25,0* | *-30,1* | *-81,5* | *-119,6* | -85,4 | -64,6 | -27,6 |

***Номгӯи маҳсулоти асосии содиротӣ ва воридотии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар соли 2012 дар муқоиса ба солҳои 2009 – 2011***

| **Сохтори содирот** | | **Маблағ** ***(млн. долл. ИМА)*** | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ***№*** | ***Номгӯи маҳсулот*** | ***2009*** | ***2010*** | ***2011*** | ***2012*** |
| **1** | Пахта | 21,3 | 44,2 | 30,6 | **38,8** |
| **2** | Алюминий | 22,0 | 4,8 | 4,5 | **18,3** |
| **3** | Пилла | 0,03 | - | - | **-** |
| **4** | Меваю сабзавот | 0,2 | 0,1 | 0,04 | **0,3** |
| **5** | Пӯст | - | - | 0,03 | **-** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **6** | Дигар номгӯи маҳсулот | 5,2 | 11,0 | 7,1 | **8,6** |

Ҳиссаи Эрон аз ҳаҷми умумии гардиши савдои хориҷии ҷумҳурӣ дар

| **Сохтори воридот** | **Маблағ** *(млн. долл. ИМА)* | | | |
|---|---|---|---|---|
| ***Номгӯи маҳсулот*** | ***2009*** | ***2010*** | ***2011*** | ***2012*** |
| Гӯшти чорвои шохдор | 0,2 | 0,02 | 0,3 | **0,4** |
| Гӯшти парранда | 3,8 | 0,3 | 0,1 | **0,2** |
| Шакар | 11,8 | 5,5 | 15,1 | **21,3** |
| Тухми мурғ | 1,5 | 1,1 | 0,2 | **0,9** |
| Равғани растанӣ | 13,1 | 9,0 | 21,7 | **8,4** |
| Орд/гандум | - | 10,5 | 0,04 | **-** |
| Маҳсулоти нафтӣ | 0,4 | 0,5 | 0,6 | **2,7** |
| Нуриҳои минералӣ | 0,001 | 0,02 | 0,1 | **0,1** |
| Семент | 0,2 | 0,2 | - | **-** |
| Кӯмаки башардӯстона | 0,1 | 0,3 | 0,2 | **1,6** |
| Дигар номгӯи маҳсулот (саноатӣ ва хӯрокворӣ) | 47,7 | 114,1 | 123,6 | **115,8** |

соли 2012 4,3 фоизро ташкил додааст.

Маҳсулоти асосии ***содиротӣ:*** алюминий ва маҳсулот аз он, нахи пахта, пилла, абрешим ва партовҳои абрешимӣ, лӯбиё, зардолу, олугиҳо, кунҷит, шикастпораи металлҳои сиёҳ.

Дар сохтори ***воридот*** мавқеи назаррасро маҳсулоти зерин ишгол менамоянд: гӯшти мурғ, шакар, тухм, равғани растанӣ, чой, равғани маска, маҳсулоти гӯштӣ, маҳсулоти қаннодӣ, шоколад, писта, маҳсулоти макаронӣ, семент, гилхок, маҳсулоти доруворӣ, собун, маҳсулот аз пластмасса, шиша ва маҳсулоти шишагин, мошину таҷҳизотҳои барқӣ ва қисмҳои онҳо, воситаҳои нақлиёти заминӣ.